# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа

То имруз дар сатҳи илми ватанӣ ва хориҷӣ аз тарафи файласуфону муаррихон, ҷомеашиносону фарҳангшиносон, олимони соҳаи илмҳои педагогӣ ҷанбаҳои гуногуни таълимоти Аҳмади Дониш-ҳамчун асосгузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, ислоҳотхоҳи низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX, яке аз поягузорони илми фалсафаи иҷтимоӣ, тарбиятгар ва мураббии инсон ва ғайра таҳқиқ гардида, асарҳои арзишманд ба нашр расидаанд. Аммо дар сатҳи як таҳқиқоти алоҳида таҳлилу муқоиса кардани андешаҳои маорифпарвари шинохтаи тоҷик Аҳмади Дониш андар бахши фалсафаи амалӣ аз мадди назари муҳаққиқон дур монда буд. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқ таҳти номи "Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш" бозгӯкунандаи як паҳлуи камомӯхтаи таълимоти маорифпарвар маҳсуб ёфта, барои ҷомеаи имрӯз аз мавзуи зарурӣ ва мубрам мебошад. Диссертатсияи Ҷабборова В.Ҳ аз рӯйи мазмун ва мундариҷа фарогири мавзуи марбут ба марҳилаи таърихии афкори фалсафаи халқи тоҷик аст. Аз ин нуқтаи назар мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, ки аз рӯйи он шурои диссертатсионии 6D.КОА - 092 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи нашркардаи муаллиф мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намоянд ва дар маҷаллаҳои эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд ва онҳо муҳтавои кори диссертатсиониро инъикос менамоянд. Аз тарафи дигар дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз он далолат мекунад, ки диссертант воқеан аз сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, илмӣ, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ

огоҳӣ дорад ва аз онҳо маводи заруриро вобаста ба зербобҳои диссертатсия истифода бурдааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки мазмун ва моҳияти кори диссертатсионӣ масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки барои талаботи ҷомеаи муосир, аз ҷумла масъалаи дарки мафҳуми инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон, таъсиси оила ва риояи талаботи никоҳ, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷро кардани усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмуъ муносибати инсон нисбат ба табиат ва моҳияти худ ҷиҳати пайдо кардани ҷойгоҳи мувофиқ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра муҳим мебошанд.

Бинобар ин, таҳқиқ ва мутолиа кардани масъалаҳои ба миён гузоштаи диссертант Ҷабборова В.Ҳ аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки ҳама гуна зиддиятҳое, ки дар назарияи тарбияи муосир ҷиҳати ҳалли мушкилоти ахлоқӣ, сиёсӣ, масъалаи бунёди оила, танзими муносибатҳои хонаводагӣ, раванди таълиму тарбияи фарзанд ба миён меоянд, бартараф менамоянд. Аз тарафи дигар, ҷойгоҳи фалсафаи амалии А.Дониш имрӯз ҳам арзиши назарӣ ва амалии худро дошта, истифодааш рӯзмарра мебошанд. Бавижа, таҳлилу муқоиса кардани ахлоқ ҳамчун шохаи асосии фалсафаи амалӣ ва ҷойгоҳи категорияи ахлоқӣ дар ҳаллу баррасии масъалаҳои ҷомеадорӣ муҳимияти калон доранд.

Сохтори диссертатсия бо ҳадафҳои он мутаносиб буда, он бо баёни пайдарпайӣ ва мантиқии андешаҳо ва нуқтаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, фарқ мекунад. Диссертант бо таҳқиқи мавзуи матраҳшуда сарчашмаҳо ва маводи зиёди илмӣ-таҳқиқотии ватанию хориҷиро ба кор бурда, дар асоснок ва ҳаллу фасли масъалаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар доираи ҳадаф ва вазифаҳои он комёб гардидааст.

Хулосаи комиссияи экспертӣ нишон дод, ки диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш" хусусияти эҷодӣ дошта, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқарраароти муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ мебошад ва шурои диссертатсионии 6D.КОА -

092 қабул карда шавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Мамадҷонова Муҳиба Талатҷоновна- доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи А. Баҳоваддинови АМИТ;

- Зокирзода Нусратулло Мелик - номзади илмҳои фалсафа, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам.

- Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъйин карда шавад.

- Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАРД:**

1. Диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Мамадҷонова Муҳиба Талатҷоновна- доктори илмҳои фалсафа. сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа. сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи А. Баҳоваддинови АМИТ;

- Зокирзода Нусратулло Мелик - номзади илмҳои фалсафа. ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Зиёев И.Ғ.

**Аъзои комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Саниев Б.Ҷ

доктори илмҳои фалсафа Худойдодзода Ф.Б

“19” 04 соли 202